# Хадамоти
# назорати давлатии бехатарии корҳо дар саноат ва соҳаи кӯҳкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

743025 ш. Душанбе к. М. Турсунзода – 27 тел. 221-06-72, 227-82-68 E-mail: bakhshi_umumi@mail.ru
с/х 20204972111010100001 Департаменти хазинадории Вазорати молия ҶТ БИК 350101800 Идораи амалиётии Бонки миллии ҶТ

## ФАРМОИШ

аз 12 майи соли 2020 №33 ш. Душанбе

«Дар бораи тасдиқ намудани Дастурамал оид ба тартиби гузаронидани назорат аз рӯи намунабардории кулл ҳангоми истихроҷ, коркарди канданиҳои фоиданоки пошхӯрда ва муайян намудани бадастоварии ҷузъҳои таркибии фоиданоки онҳо дар дастгоҳи заршӯӣ»
150.030.000

Мутобиқи сархати сию чоруми банди 6 Низомномаи Хадамоти назорати давлатии бехатарии корҳо дар саноат ва соҳаи кӯҳкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014, №152 тасдиқ шудааст ва бо мақсади ба танзим даровардани талабот оид ба тартиби гузаронидани назорат аз рӯи намунабардории кулл ҳангоми истихроҷ, коркарди канданиҳои фоиданоки пошхӯрда ва муайян намудани бадастоварии ҷузъҳои таркибии фоиданоки онҳо дар дастгоҳи заршӯӣ,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Дастурамал оид ба тартиби гузаронидани назорат аз рӯи намунабардории кулл ҳангоми истихроҷ, коркарди канданиҳои фоиданоки пошхӯрда ва муайян намудани бадастоварии ҷузъҳои таркибии фоиданоки онҳо дар дастгоҳи заршӯӣ тасдиқ карда шавад (замима мегардад).
2. Фармоиши мазкур ҷиҳати бақайдгирии давлатӣ ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.
3. Фармоиши мазкур пас аз бақайдгирии давлатӣ ва интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.
4. Фармоиши сардори Хадамоти назорати давлатии бехатарии корҳо дар саноат ва соҳаи кӯҳкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 марти соли 2020, таҳти №23 «Дар бораи тасдиқ намудани Дастурамал оид ба тартиби гузаронидани назорат аз рӯи намунабардории кулл ҳангоми истихроҷ, коркарди канданиҳои фоиданоки пошхӯрда ва муайян намудани бадастоварии ҷузъҳои таркибии фоиданоки онҳо дар дастгоҳи заршӯӣ» аз эътибор соқит донист шавад.
5. Назорати иҷроиши фармоиши мазкур ба зиммаи муовини сардори Хадамот гузошта шавад.

Сардори Хадамот Раҳим Санъат Асо

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
... САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б № 1024
"3" 06 с.2020

Бо фармоиши сардори Хадамоти назорати давлатии бехатарии корҳо дар саноат ва соҳаи кӯҳкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 12 майи соли 2020, №33 тасдиқ карда шудааст.

Дастурамал оид ба тартиби гузаронидани назорат аз рӯи намунабардории кулл ҳангоми истихроҷ, коркарди канданиҳои фоиданоки пошхӯрда ва муайян намудани бадастоварии ҷузъҳои таркибии фоиданоки онҳо дар дастгоҳи заршӯӣ

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Дастурамал оид ба тартиби гузаронидани назорат аз рӯи намунабардории кулл ҳангоми истихроҷ, коркарди канданиҳои фоиданоки пошхӯрда ва муайян намудани бадастоварии ҷузъҳои таркибии фоиданоки онҳо дар дастгоҳи заршӯӣ (минбаъд - Дастурамал) мутобиқи сархати сию чоруми банди 6 Низомномаи Хадамоти назорати давлатии бехатарии корҳо дар саноат ва соҳаи кӯҳкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014, №152 тасдиқ шудааст ва бо мақсади муайянсозии коэффитсиенти муносиби бадастоварии компоненти фоиданок ва талафёбии технологӣ дар дастгоҳҳои заршӯӣ ҳангоми коркарди конҳои канданиҳои фоиданоки пошхӯрда, таҳия гардидааст.

2. Дастурамали мазкур қоидаҳо ва тартиби коркарди маводи аввалияро дар ҷараёни шустани регҳо, назорати ҷараёни технологии бойгардонӣ бо мақсади муайян намудан ва нигоҳдории реҷаи оптималии кори дастгоҳи технологиро муқаррар менамояд.

3. Намунабардории кулл бо қувваи коргарон, мутахассисони корхонаи истихроҷии соҳаи кӯҳкорӣ бо мақсади назорати раванди бойгардонии технологӣ, муайян намудани талафоти технологӣ, фоизи бадастоварии компонентҳои фоиданок дар комплексҳои бойгардонӣ, гузаронида мешавад.

4. Барои назорат аз рӯи намунабардории кулл бо фармоиши Хадамоти назорати давлатии бехатарии корҳо дар саноат ва соҳаи кӯҳкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҳисоби намояндагони вазорату идораҳои дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон комиссияи салоҳиятнок (минбаъд - комиссия) таъсис дода мешавад.

5. Иҷроиши талаботи Дастурамал барои ҳамаи корхонаҳо ва ташкилотҳо новобаста аз шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ ва моликият, ки коркарди конҳои канданиҳои фоиданоки пошхӯрдаро дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамоянд, ҳатмӣ мебошад.

БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б № 1024
"3" 06 с.2020

## 2. МАФҲУМҲОИ АСОСӢ

6. Дар Дастурамали мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода бурда мешаванд:

- **намунабардорӣ** – маҷмӯи амалиёт барои гирифтан ва коркарди намунаҳо бо мақсади муайян намудани таркиб ва хусусияти моддаҳои таҳқиқшаванда ва яке аз муҳимтарин амалиёт ҳангоми истихроҷ ва коркарди канданиҳои фоиданок ба ҳисоб меравад;
- **дастгоҳи шӯянда** – таҷҳизоте, ки барои шустани қумҳои металлдор (зардор) пешбинӣ шудааст;
- **ППМ-5** – дастгоҳи заршӯии модулӣ, ки бари элак 5 метрро ташкил медиҳад;
- **ГГМ-3** – элаки гидромеханикӣ, ки бари он 3 метрро ташкил медиҳад;
- **бункер** – иншоот барои захира намудан, нигоҳдории муваққатӣ ва холӣ намудан ва бор кардани канданиҳои фоиданок ва ҷинсҳо мебошад. Бункери қабулкунанда бевосита ба фабрикаи бойгардонӣ наздик ҷойгир кунонида мешавад;
- **дарғотҳо** (дар бойгардонӣ) – дастгоҳҳои бойгардонии ҷозибавӣ, ки он новаи моилро ифода мекунад ва таги новаи моил - фарши мулоим ва панҷараи оҳанин (трафарет) мумкин дошта бошад (ноҳамвориҳое, ки аз лундаҳо, ходаҳо, резинаи чиндор ва ғайраҳо сохта шудаанд). Мавҷуд будани панҷараҳои оҳанин барои таҳшиншавии минералҳои вазнин аз қумҳои пошхурда мусоидат мекунад.
- **таҳшин (шлих)** – консентрат аз минералҳои вазнин, ки баъди шустани қумҳо аз конҳои пошхӯрда ба даст меояд;
- **шӯъбаи такмилдиҳӣ** – марҳилаи охирини бойгардонӣ, ки консентрати кондитсионӣ медиҳад;
- **маркшейдерия** – соҳаи илми техникӣ ва куҳкорӣ, ки асосан бо ченкунии фазоӣ-геометрӣ машғул мебошад (аксбардории маркшейдерӣ), мақсади он тасвир кардани кандаҳои кӯҳӣ дар нақшаҳо, бурришҳо, проэксияҳо ва дигар графикаҳои қаъри замин ҳангоми корҳои омӯзишии конҳо, сохтмон ва истифодабарии корхонаҳои соҳаи кӯҳкорӣ мебошад;
- **эфел** – масолеҳи майда ва донадор, ки ҳангоми шустани тиллои пошхӯрда ва бойгардонии маъдани тилло ҷудо мешавад;
- **бутара** – таҷҳизоте, ки аз як ё ду элак ва дарғоти моил иборат буда, барои шустани ҷинсҳои кӯҳӣ бо мақсади ҷудо кардани гилхок ва масолеҳи хурд муқаррар карда шудааст;
- **зумпф** – зарфе, ки ба он аз ковишгоҳ барои бо насос кашидан тавассути мошини лойкашак ва насоси қумӣ омехтаи обӣ меояд; ҷинси кӯҳӣ ва об барои тайёр кардани лойоба;
- **элаккунӣ** – чараёни тасниф аз рӯи калонҳаҷмӣ, ки дар сатҳи элаккунӣ амалӣ карда мешавад (панҷараҳо, элакҳо ва ғайра).

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ БАҚАЙДГИРИИ ДАВЛАТИИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б № 1024
«3» 06 с.2020

## 3. ВАЗИФАҲО ВА ФУНКСИЯҲОИ КОМИССИЯ

7. Вазифаҳои асосии комиссияи назорат оид ба гузаронидани намунабардории кулл инҳоянд:

- азназаргузаронии пешакии карери истихроҷӣ, маҷмӯи дастгоҳи заршӯӣ, аз он ҷумла, бункери қабулкунанда, гиреҳи элаккунӣ, ҳолати шустан ва хориҷкунии лундасангҳо, дарғот (гиреҳи нигоҳдоранда), инчунин шуъбаи такмилдиҳӣ ва ҳолати анбори эфелӣ;
- назорати риояи ҳамаи меъёрҳо ва талаботи технологии харитаи реҷаи технологии коркарди регҳо;
- назорати ҷараёни бойгардонӣ бо мақсади муайян намудан ва нигоҳдории реҷаи муфиди кории дастгоҳи технологӣ;
- коркард намудани маводи воқеии ҳосилшуда оид ба назорати намунабардории кулл ва тартиб додани санад.

8. Комиссия ҳуқуқ дорад:

- эксперти мустақил, мутахассисони корхонаҳои саноати кӯҳкорӣ, донишкадаҳои илмию тадқиқотӣ, муассисаҳои ташкилотҳои лоиҳакашӣ ва дигар шахсони салоҳиятдорро ҷалб намояд;
- аз корхонаҳои зериназоратӣ маводҳои иловагии геологию маркшейдерӣ, маводи аввалияи намунабардорӣ аз рӯи намунабардории кулли ҷорӣ аз партовҳо, фоизи (дараҷаи) бадастоварии компонентҳои фоиданок, маводҳои асосноккунии техникӣ-иқтисодӣ ва дигар маводҳои аввалияи заруриро талаб намояд;
- Комиссияе, ки назорати намунабардории кулл ва санҷиши дастгоҳҳоро мегузаронад, ҳуқуқ дорад, ки шартҳои рафти намунабардориро вобаста ба шароитҳои воқеии кор иваз намояд;
- дар ҳолати мувофиқат накардани шароити корӣ тибқи талаботи Дастурамали мазкур, зиёд будани баландии зинаи корӣ нисбати бели экскаватор, омода набудани дастгоҳҳои шӯянда, надоштани миқдори даркории рег барои гузаронидани намунабардории кулл, аз меъёр зиёд будани омехташавии ҷинсҳои кӯҳӣ нисбати регҳо, комиссия метавонад, ки намунабардории куллро манъ намуда, ба корхона ё ҷамъият санад дар бораи бартараф намудани қоидавайронкуниҳо ва ба дигар вақт гузаронидани намунабардории кулл, инчунин дигар қоидавайронкуниҳо нисбати меъёрҳои ҳифзи қаъри заминро бо тавсияҳо ва талабот ҷиҳати бартараф намудани онҳо пешниҳод намояд.

## 4. ТАРТИБИ ГУЗАРОНИДАНИ НАМУНАБАРДОРИИ КУЛЛ ВА САНҶИШИ ДАСТГОҲҲОИ ЗАРШӮӢ (ДАР МИСОЛИ ДАСТГОҲҲОИ ППМ-5, ГГМ-3 ВА ДИГАРҲО)

9. Намунабардории кулл ва санҷиши дастгоҳҳои шӯянда аз тарафи истифодабарандагони қаъри замин дар як мавсими корӣ на кам аз 1-2 маротиба ва як маротиба дар ҳузури комиссия дар реҷаи муқаррарии корӣ дар давоми 3-5 шабонарӯз вобаста ба шароити корӣ ва мавҷудияти қувваю воситаҳо, дар мувофиқаи дақиқ бо харитаи реҷавии раванди технологӣ, ки

«3» 06 с.2020

онро роҳбари корхона ё сармуҳандис тасдиқ кардааст, гузаронида мешавад.

10. Вазифаи чунин шакли намунабардорӣ аз гирифтани маълумот барои тартиб додани балланси пурраи об ва рег (бо баҳодиҳии миқдорӣ ва сифатӣ) бо маводи фоиданок, ки ба дастгоҳи заршӯӣ дохил мешавад, иборат мебошад.

11. Пеш аз оғози намунабардории кулл ва санҷиши дастгоҳҳо, комиссия омода будани дастгоҳи шӯянда, муҳайё будани миқдори басандаи рег барои истихроҷ, баландии зинаҳои истихроҷӣ, будан ё набудани миқдори ҷинсҳои омехташуда, дараҷаи обнокӣ ва дигар мамониятҳои эҳтимолие, ки коркарди кандании фоиданок ва гузаронидани намунабардории куллро мушкил менамоянд, мушоҳидавӣ месанҷад.

12. Баландии зинаи истихроҷӣ аз рӯи баландии ковиши техникаи истихроҷӣ муайян карда мешавад ва набояд аз баландии ковиши он зиёд набошад. Баландии ковиш барои экскаватори ЭКГ-5 – 10 метр, LG-688 – 5-7 метр, САТ-347Д – 3 метрро ташкил медиҳад.

13. Дар комплекси дастгоҳи шӯянда инҳо ба назорати мушоҳидавӣ фаро гирифта мешаванд:

- ҳолати ҳимоявии майдонҳои хизматрасонӣ ва зинапоя;
- надоштан ё доштани чакиш ва резиш дар гиреҳҳои васлшавӣ;
- ҳолати дарғотҳои дастгоҳҳои шӯянда ва шуъбаи такмилдиҳӣ, хосиятҳои техникии онҳо;
- хосиятҳои техникии дастгоҳҳои шӯянда бояд талаботи ҳуҷҷатгузории лоиҳавӣ ва техникӣ, ки корхонаи истеҳсолкунандаи он муқаррар намудааст, ҷавобгӯ бошанд.

14. Ҳолат ва намуди руйпуши қаппак – намадчаҳои резинӣ бо сӯрохиҳо, ки ба талаботҳои зерин бояд ҷавобгӯ бошанд:

- миқдори элакҳо - 4;
- андозаи элак -3-150мм;
- андозаи порчаҳое, ки ба элак дохил мешаванд – 400мм;
- намадчаҳои қаппанда тамғаи R4-2262385;
- бари намад – 1,0метр;
- ғафсии намад – 2,0см;
- дарозии торҳо (мӯякҳо) – 1,7см;
- ҳолат ва намуди ромбӣ – металлии 50-36мм, трафарети тагшонии хурд – металлӣ 3мм.

## 5. НАМУНАБАРДОРИИ РЕГҲО ДАР КОВИШГОҲ ВА МИЗИ ҚАБУЛКУНИИ ДАСТГОҲИ ЗАРШӮӢ

15. Дар ҳолати қаноатбахш будани ковишгоҳи кон, дастгоҳи заршӯӣ, миқдори зарурии регҳои зардор ва дигар шароитҳо, аз ҷумла, чорабиниҳо оид ба ҳифзи компоненти фоиданок, комиссия қарори гузаронидани намунабардории кулл ва санҷишро қабул менамояд ва аз болои иҷроиши талаботҳои харитаи раванди технологӣ дар ҳамаи пайвастагиҳои занҷири технологӣ – аз гирифтани намуна аз кон, мизи қабул, партовҳои

ВАЗОРАТИ АДЛИ
ФЕҲРИСТИ ДАВЛАТИИ
САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚӢ
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
№ 1024
"3" 06 с.2020

бойгардонӣ то коркарди онҳо, ченкунии фишори обе, ки ба дастгоҳи заршӯӣ дода мешавад, бузургиҳои маҳлул (пулпа) то амалисозии ҳисобҳо ва тартиби додани санадро назорат мекунад.

16. Комиссия ба чораҳо оид ба ҳифзи компоненти фоиданок – мавҷудияти қулфу муҳр дар ҷойҳои зарурии дарғот, тирезаҳои каноравии дастгоҳи заршӯӣ диққати махсус медиҳад.

17. Намунабардории кулл бо аксбардории маркшейдерии ҳолати воқеии ковишгоҳ дар кони кушод оғоз шуда, бо аксбардории мазкур низ анҷом меёбад.

18. Намунабардории кулл дар муддати 8-9 соат вобаста ба суръати воридшудаи регҳо, додани онҳо барои шустан, элаккунӣ ва дигар ҳолатҳои ғайричашмдошт гузаронида мешавад.

## 6. НАМУНАБАРДОРИИ РЕГҲО ДАР КОВИШГОҲ

19. Намунабардории кулл аз гирифтани намунабардории қисми ҷӯякӣ-зинавӣ (бороздавӣ) аз реги дар ковишгоҳ оғоз меёбад. Аз регҳо дар ҳамаи баландии зинаи корӣ, ки он ба баландии ковиши механизм – экскаватор баробар аст, намунаҳо гирифта мешавад. Барои экскаватори ЭКГ-5 баландии зинаи корӣ 10 метрро ташкил медиҳад. Дарозии намунаи ҷӯякӣ (бороздавӣ) дар фосилаи ҳар 2 метр гирифта мешавад. Бо мақсади дақиқ муайян намудани миқдори металл дар рег, намунаҳо аз се ҷӯяк гирифта мешаванд, ки яктои он дар маркази ковишгоҳ ва дутои дигар дар канораҳои ковишгоҳ ҷойгир шудаанд.

20. Ҳаҷми як намуна на кам аз 0,02м$^3$-ро ташкил медиҳад. Шумораи умумии намунаҳои стандартӣ аз се ҷӯяк – 15 намуна.

21. Барои экскаватори намуди САТ-349Д баландии ковиш 3,0 метр, баландии зина – 3,0м. Дарозии қисматҳо дар ҷӯяк дар ин ҳолат – 1,1 метр. Баландии умумии ҷӯяки якҷоякардашуда – 10 метр. Шумораи умумии намунаҳо дар ҳолати се ҷӯяки якҷояшуда – 28 намуна бо ҳаҷми 0,01м$^3$ ё 14 намунаи стандартӣ иборат мебошад.

## 7. НАМУНАБАРДОРИИ РЕГҲО ДАР МИЗИ ҚАБУЛ

22. Баъди ба анҷом расидани намунабардории ҷӯякӣ ба истихроҷ ва коркарди реҳои зардор дар дастгоҳи заршӯӣ оғоз карда мешавад. Барои коркард миқдори регҳои зардор бидуни ҳаҷми харсангҳои калон, ки дар ковишгоҳ боқӣ мемонад, истифода мегардад. Ҳаҷми коркарди регҳои зардор барои дастгоҳи заршӯии тамғаи ППМ-5 дар давраи гузаронидани намунабардории кулл 800 м$^3$ тавсия карда мешавад.

23. Коркарди регҳои зардор барои назорати сифатнокии онҳо дар як вақт намунабардории кафӣ дар мизи қабулкунандаи дастгоҳи заршӯӣ ҳамроҳӣ мекунад. Аз ҳар як автомашинаи ҳисоби ҷуфт намунаҳо гирифта мешавад. Намунаҳо тарзе гирифта мешаванд, ки онҳо сифатноки миёнаи регҳои ҳамин мошинро муайян карда тавонанд. Барои ин аз тӯдаи рехташудаи мизи қабулкунанда намунаҳо «қабатӣ» гирифта мешавад.

ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б № 1024
"3" 06 с.2020

Аввалан мунтазам ба шакли катаки тахтаи шоҳмот аз боло, аз 10 нуқта, баъдан, пас аз шустани ними туда, аз қисмати сатҳи миёнаи майдони ташкилшудаи туда тариқи «лифофа» - аз 5 нуқта гирифта мешавад. Ҳаҷми намунаи "кафӣ" – 0,7литр (1,5кг) ё се қисмати як бел буда, ҳаҷми намунаи алоҳида – 0,01м$^3$-ро ташкил медиҳад. Миқдори мошин (рейс) вобаста аз ҳолати воқеии меъёрҳои пуркунии тамғаи автосамасвалҳо, ҳаҷми регҳои зардори коркардшаванда метавонад аз 100 то 114 тағйир дода шавад ва миқдори умумии намунаҳои алоҳида аз 50 то 57 ё 25-28 ҳаҷми пурраи стандартӣ тағйир ёбад.

24. Таркиби миёнаи компонентҳои фоиданок дар регҳои истихроҷгардида ва коркардшуда аз миқдори умумии навъи намунаҳои гирифташуда ҳамчун адади миёнаи арифметикӣ ҳисоб карда мешавад ва ҳаҷми умумии истихроҷ ҳамчун фарқияти ду аксбардориҳои маркшейдерӣ, ки қаблан ва баъди анҷоми намунабардории кулл гузаронида шудааст, муайян карда мешавад.

## 8. НАМУНАБАРДОРИИ МАҲСУЛОТИ ПАРТОВГОҲҲО

25. Дар раванди коркарди регҳо дар дастгоҳҳои заршӯии тамғаи ППМ-5, ГГМ-3 ва дигар намудҳои ба инҳо монанди дастгоҳҳои заршӯӣ, ба партовҳо асосан ду фраксия дохил мешаванд: фраксияҳои якҷояи ҷудошудаи лӯласангҳою шағал ва фраксияи эфелҳое, ки дар алоҳидагӣ захира мешаванд.

26. Ҳаҷми маводи сангу шағал дар регҳои коркардшаванда аз 480м$^3$ то 560м$^3$ тағйир меёбад ва миқдори боркашонии автомашинаҳо мувофиқ ба меъёрҳои боркашии автосамосвалҳои БелАЗ (8 м$^3$) ва HOWO (7 м$^3$) мутаносибан 60-70 ва 68-80 маротибаро ташкил медиҳад.

27. Аз ин рӯ, миқдор ва ҳаҷми умумии намунаҳо аз маҳсулоти партовӣ дар қитъаҳои гуногун вобаста ба таркиби фраксионии регҳои қитъаи дахлдор муайян карда мешаванд.

28. Дар партови лӯласангҳо ва шағал барои намунабардории ин фраксияи регҳо майдончаи махсус ба ҳаҷми ғунҷоиши маҳсулоти лӯласангу шағали воридшаванда тайёр карда мешавад. Дар он дар баробари гирифтани намунаҳо аз ҷониби хадамоти маркшейдерии қитъа, баъди ҷудокунӣ бо ёрии булдозер дар ковишгоҳ низ ченкунии ҳаҷми умумии лӯласангҳо гузаронида мешавад.

29. Аз сабаби миқдори кам доштани хокмайдаҳо дар таркиби массаи сангу шағал (то 7%) ва имконнопазирии дастӣ гирифтани онҳо, намунаҳо аз онҳо тариқи механикӣ пас аз ҷудо кардани лӯласангҳо бо булдозер гирифта мешаванд. Дар ин ҳолат, дар якҷоягӣ ба маводи регу шағал, сангпораҳо, инчунин маводи шағалдор низ ворид мегардад. Гилҳои ба сангпораҳо часпида бо ҷорӯби оҳанин ва ё бел тарошида мешаванд.

30. Дар раванди намунабардории кулл, ҳамчунин махсулоти партовҳои лӯласангию шағалӣ ва эфелии дастгоҳи заршӯӣ, ё дар баромади чап ва рости ҷамъшавандаҳои миёнаю хурдии дарғотҳо дар новаҳои асосии чап ва рост намунабардорӣ мешаванд.

САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ
Р/Б № 1024
«3» 06 с.2020

31. Аз маҳсулоти «Кисагӣ»-и дар охири дарғоти тагшонии миёна васлшуда, резишҳои гуногун ва талафёбии регҳо дар занҷири технологӣ - «истихроҷ-боркашонӣ-коркарди регҳо», ҳамчунин партовҳои қатъкунаки консентрати дарғотҳои тагшонии чуқур, миёна ва хурд, дарғоти назоратӣ ва партовҳои дар мавриди бутаркунонӣ, ғалберкунии намунаҳо ва пуфкунии консентрати онҳо пайдошуда, ҳамчунин баъд аз бутар дар зумпф ва мизи такмилдиҳии шӯъбаи такмилдиҳӣ, намунаҳо гирифта мешаванд.

32. Нуқтаҳои асосӣ, ки дар партовҳои онҳо талафёбии технологии қисми компоненти фоиданок арзёбӣ мегардад, инҳо мебошанд: ғалбери гидромеханикӣ (лӯласангҳо ва шағал), новаҳои чап ва рости ғункунандаҳои миёна ва хурд, новаҳои асосӣ, шуъбаи такмилдиҳандаи асосӣ, инчунин «киса»-и васлшудаи дарғоти тагшонии миёна ва гидроэлакӣ (дар ҷое, ки дарғоти тагшонии хурд васл шудааст).

## 9. НАМУНАБАРДОРИИ ЛӮЛАСАНГУ ШАҒАЛ

33. Дар пошхӯрдаҳое, ки миқдори фраксияи лӯласангу шағал 60 %-ро ташкил медиҳад ва автосамосвалҳоро истифода мебаранд, миқдори камтарини намунаҳо дар ҳолати истифодабарии БелАЗ метавонад як намунаи стандартиро аз ду мошин, яъне аз ҳар як мошин 0,01 м$^3$ ва барои HOWO як намунаи стандартӣ аз се мошин ташкил диҳад.

34. Дар пошхӯрдаҳое, ки миқдори фраксияи лӯласангу шағал 70% -ро ташкил медиҳад, миқдори зиёдтарини намунаҳо барои намудҳои автосамосвалҳои нишондодашуда тақрибан ба як намунаи стандартӣ аз мошин баробар мебошад.

## 10. НАМУНАБАРДОРИИ ЭФЕЛҲО

35. Партовҳои маводҳои эфелӣ бо асбоби намунагир дар баромади чап ва рости дарғотҳои миёна ва хурд (дар он ҷое, ки онҳо васл карда шудаанд), шуъбаи такмилдиҳӣ «киса»-и чап ва рости новаи асосӣ, бо роҳи давра ба давра бастани ҷараёни лойоба (пулпа) баъди ҳар як 10-15 дақиқа намунабардорӣ мешавад.

36. Ҳаҷми намунаи шабонарӯзии интихобӣ аз ҳар як дарғотҳои чап ва рости тагшинҳои миёна, аз ҳар новаи чап ва рост мувофиқи тавсияҳои Чемезов В.В. (соли 1980) – 200-250 литр ё ин ки 0,2-0,25м$^3$-ро ташкил медиҳад.

37.Мувофиқи иқтидори истеҳсолии лоиҳавии дастгоҳи тамғаи ППМ-5 баробари 100м$^3$/соат бошад, давомнокии шустани ҳаҷми муайяни рег (8 соат) ва давомнокии вакти лоиҳавӣ дар як шабонарӯз 18 соат, миқдори максималии умумии намунаҳои алоҳида ташкил медиҳад:

$V_{умум}$= (0.25x2/18)x8=0.222 м$^3$ ё 11 адад (0.222/0.02=11.1) намунаи стандартӣ.

Миқдори минималии намуна – 0,178м$^3$ ё 9 намунаи стандартӣ.

38. Миқдори қатъкунӣ бо давомнокии 10-15 дақиқа, бо фосилаи байни онҳо 10-15 дақиқа – 3 қатъкунӣ дар як соат ва ҳангоми гузаронидани

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б № 1029
"3" 06 с.20 20

намунабардории кулл ва санчиш (8 соат) – 24 қатъкуниро ташкил медиҳад. Дар ҳолати ҳаҷми намунаи интихобии шабонарӯзӣ ба 250 литр барои як нова (дарғот) баробар будан, ҳаҷми намунаи алоҳида дар як қатъкунӣ [(0.25x8):18]:24=0.0046=0.005 ё ин ки аз чор як ҳиссаи ҳаҷми намунаи стандартиро ташкил медиҳад. Чунин ҳаҷми намунаи алоҳида барои як қатъкунӣ нисбати новаи дигар низ пешбинӣ мегардад.

39. Дар ҳолати надоштани шароит барои гирифтани намунаи эфелҳо бевосита аз баромади новаҳо, дарғотҳои тагшонии миёна ва хурд (дар ҷое, ки васл шудааст), эфелҳо аз партовгоҳи онҳо барои намунабардорӣ тавсия дода мешавад.

40. Эфелҳо дар партовгоҳашон тариқи хуруҷӣ аз рӯи тури (шабакаи) шакли чоркунҷавӣ ё росткунҷавӣ то чуқурии умумии эфелҳои навбавуҷудомада бо назардошти гуногунии суръати таҳшиншавии заррaҳои тилло ва дигар компонентҳои сахти селоба (пулпа), намунабардорӣ мешаванд. Тарафҳои тӯри чоркунҷагӣ (квадратӣ) бо паҳноии қабати эфелҳо 0,5м, ҳаҷми миёнаи намунаи интихобӣ барои пошхӯрдаҳои 30% эфелҳоро дошта – 4,5х4,5м ва барои росткунҷагӣ – 4х5м қабул карда мешаванд. Барои пошхӯрдаҳои 40% эфелҳоро дошта, ин нишондодҳо мувофиқан 5х5 ва 4х6м-ро ташкил менамоянд.

41. Ҳаҷми намунаҳо 0,01 $м^3$. Миқдори умумии намунаҳои алоҳида 20-25 намуна, ҳаҷми намунаи интихобӣ – 0,23-0,25$м^3$ муқаррар гардидаанд.

## 11. НАМУНАБАРДОРИИ ПАРТОВҲОИ НОВАҲОИ НАЗОРАТӢ

42. Дар раванди ихтисоркунии консентратҳои дарғотҳои тагшонии чуқур ва миёна бо ихтисоркунаки шуъбаи мукаммалсозӣ ба вуҷуд меояд. Ҳаҷми умумии консентрати ихтисоршаванда тақрибан 1,0$м^3$-ро ташкил медиҳад. Гирифтани намуна баъд аз итмоми обгардонӣ ва ҷудо кардани консентрати бойгардонидашуда гузаронида мешавад. Ҳаҷми намунаи ягона – 0,02-0,04 $м^3$-ро ташкил медиҳад. Нақшаи намунабардорӣ монанди намунабардории эфелҳо дар партовҳои онҳо мебошад.

## 12. КОНСЕНТРАТИ «КИСАГӢ»

43. Консентрати мазкур, ки бисёр вақт ба партовҳои эфелӣ пеш аз обгардонии дарғоти тагшонии миёна партофта мешавад, маводҳои регу шағали дар раванди коркарди пурраи регҳо ба вуҷуд меомадаро ифода менамояд. Ҳаҷми он тақрибан 0,2 $м^3$, ҳаҷми намунаи ягона аз «киса» - 0,01$м^3$-ро ташкил медиҳад.

## 13. ТАҲШИНҲОИ ХОКИСТАРРАНГ ВА СИЁҲ

44. Таҳшинҳои хокистарранг ва сиёҳ дар марҳилаи камшавии консентрати такмилдиҳии намуна дар раванди пуфкунии онҳо ва гирифтани маҳсулоти таҳшиншуда ба вуҷуд меоянд. Таркиби ин таҳшинҳо на фақат аз таркиби минералогӣ ва сифати регҳо, балки дар бисёр ҳолатҳо

ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ БАҲИСОБГИРИИ ДАВЛАТИИ
САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ВА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б № 1024
"3" 06 с.2020

аз дараҷаи тахассусии пуфкунҳо ва коркарди босифати консентрат вобастагӣ дорад. Таркиби металл дар тахшинҳо дар баъзе ҳолатҳо ба 1-1,5 грамм ва зиёдтар ба 1 кг таҳшин рост меояд.

45. Бо мақсади дуруст ба роҳ мондани ҳисоби талафёбии металл дар охири тозакунӣ таҳшинҳои сиёҳ ва хокистаранг бояд аз озмоиш гузаронида шаванд. Вазни онҳо вобаста ба миқдори таҳшинҳо (шлихҳо) бояд 50-100 граммро ташкил диҳад.

## 14. ТАЛАФЁБИҲОИ ДИГАР

46. Ба ин намуди талафёбӣ дохил мешаванд: талафёбӣ ҳангоми истихроҷ, кашонидан, коркард ва талафёбии эҳтимолӣ дар резонаҳои занҷири технологӣ.

47. Талафҳои бо истихроҷ вобаста то имрӯз озмоиш нашудаанд ва ҳисобӣ кардани онҳо ғайриимкон аст. Бо вуҷуди ин, аксиомаи маълумро оид ба алоқаи зичии компонент бо файзнокиаш дар ҷинсҳои кӯҳии нигоҳдоранда (рег), шартан андозаи талафёбиро муайян кардан мумкин аст. Қабул шудааст, ки ҳаҷми регҳои талафшаванда ҳангоми истихроҷ, кашонидан ва коркард, хусусан дар ковишгоҳҳои обдор 3%-ро ташкил месозад. Аз ин бармеояд, ки кандании фоиданоки талафёбанда ба кандании фоиданоки регҳои талафшаванда, яъне ҳосили зарби ҳамин ҳаҷми регҳо ба файзнокии он баробар аст.

48. Талафёбии кандании фоиданоки резонаҳо дар шароити истифодабарии ППМ-5 ва дигар дастгоҳҳои шӯянда қариб вуҷуд надорад. Дар ҳолати ғайричашмдошт, резонаҳо ҳатман намунабардорӣ мешаванд. Дар ин ҳолат ҳаҷми намуна ба ҳаҷми худи резона баробар мешавад.

## 15. ПАРТОВҲОИ РАВАНДИ БУТАР ВА НОВАКУНӢ

49. Ин партовҳо дар натиҷаи ихтисоркунии регҳо, консентратҳо дар бутар ё нова пайдо мешавад. Дар аксар ҳолатҳо онҳо аз қобилияти шӯяндаҳо вобастагӣ доранд. Гирифтани ҳаҷми намунаҳои назоратӣ аз партовҳои бутарӣ ва новаи аз рӯи намуди намунаҳо дар ҳаҷми 25% аз миқдори умумии навъи намунаҳои коркардшуда тавсия дода мешавад.

50. Коркарди ҳамаи намунаҳо тибқи нақшаи маълуми стандартӣ гузаронида мешавад: таҳшинкунӣ (бураткунӣ) – ҷудокунӣ – хушккунӣ – пуфкунӣ – гирифтани таҳшини компоненти фоиданок.

51. Аз рӯи натиҷаҳои коркарди намунаҳо бо истифода аз усули маълуми ҳисобкунӣ, таркиби металл аз рӯи намудҳои талафёбӣ ҳисоб карда мешавад ва бо назардошти ҳаҷми мувофиқи онҳо, миқдори компоненти фоиданок талафшаванда ҳисоб карда мешавад. Миқдори умумии компоненти фоиданоки талафёфта бо ҷамъкунии миқдори ҳамаи намуди талафёбӣ муайян карда мешавад.

САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б № 1024
«3» 06 с.2020

## 16. ҲИСОБИ БАДАСТОВАРИИ МЕТАЛЛ

52. Ҳангоми коркарди регҳои пошхӯрдаи сохти геологии мураккаби конҳои пошхӯрда бо тақсимоти таркиби гуногундоштаи металл ва таркиби гуногуни фраксионии компонентҳои фоиданок, ки таъсири андозаи ҳисобинашудаи конпоненти фоиданок ба андозаи бадастоварии он (дар мисоли ППМ-5) калон аст ва миқдори металлҳои бадастовардашуда аз металлҳо дар регҳои аввалия бартарият дорад, дар ин сурат, ҳисоби бадастоварӣ бо назардошти ҷамъи талафёбии воқеии технологӣ аз рӯи формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$\varepsilon = \frac{Y_{авв} - Y_{т}}{Y_{авв}} \times 100 = \frac{Y_{г}}{Y_{авв}} \times 100$$

$Y_{авв}$ – миқдори металл дар регҳои аввалия;
$Y_{т}$ – ҷамъи ҳамаи талафёбии металл;
$Y_{г}$ – миқдори металли бадастомада.

## 17. НАЗОРАТИ РАВАНДИ ТЕХНОЛОГӢ

53. Регҳои зардор бо хосияти доштани миқдори зиёди лӯласангу шағал ва дар ҳолатҳои зиёд бо маводи гилхок тавсиф мешаванд. Ин ҳолат зарурияти дақиқ шустан ва элаккунии тудаи кӯҳии аввалия, назорати бодиққат ба ҷойивазкунии маҳсулот дар элаки гидромеханикӣ, гидроэлак, шустани он берун аз параметрҳои лойоба ва танзимдарории онро ба миён меоварад.

54. Суръати тӯли интиқоли масолеҳ дар ғалбери гидромеханикӣ набояд аз 0,2÷0,3м/сония зиёд бошад. Фавворави оби фишорӣ бояд зич бошад. Фишори оби ба гидромонитор дохилшаванда 20 метри сутуни обӣ (2 атмосфера) мебошад. Суръати селоби лойоба дар дарғотҳо бо сонияшумор ҳисобӣ шуда, ғафсии қабатро бо ҷадвал ва таносуби қисмҳои сахт ва моеъ (С:М) чунин муайян карда мешавад: дар баромади дарғотҳо бо таври буриши селоб бо воситаи озмоишкунак селоб қисман гирифта, дар як маврид вақти буриш қайд карда мешавад. Дар натиҷаи якчанд ченкунӣ бузургии миёнаи таносуби С:М (таносуби қисмҳои сахт ва моеъ) муайян карда мешавад. Дар зери новаи лӯласангу шағалҳо ба миқдори назаррас маҳсулоти майда (3÷6мм) бояд набошад.

## 18. БОЙГАРДОНӢ ДАР ДАРҒОТҲО

55. Лойоба мунтазам дар тамоми паҳноии дарғот ҳаракат мекунад. Суръати сатҳи ҷараён набояд аз 2÷2,5м/сония зиёд бошад. Чуқурии ҷараён 2,5÷3 маротиба аз андозаи донаҳои аз ҳама калони маводи бойгардонидашуда зиёдтар мешавад, вале на кам аз 30-32мм.

ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ БАҲИСОБГИРИИ ДАВЛАТ...
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б № 1029
“3” 06 с.2020

Эфелнокшавии берун аз дарғот мушоҳида намешавад, таносуби С : М = 1:10-16: 20-26.

56. Панҷараи оҳанин (трафарет) ба таги дарғот бо маводи тахтагӣ маҳкам карда шуда, сатҳи кории панҷараи оҳанин ҳамвор мебошад. Дар трафарети пресскардашуда фраксияҳои лойқадор мушоҳида намешаванд. Бо қатъ кардани маҳсулот ва об намадчаҳои резинӣ бо консентрат пӯшонида мешаванд. Баъд аз гирифтани консентрати дарғотҳо сурохаҳои қапакҳои резинӣ тоза карда мешаванд.

57. Барои баҳогузории раванди технологияи бойгардонӣ, аз тобеияти дараҷаи воридшавии регҳо барои шустан, дар дарғоти ҷуфтшавии тагшонии миёна ва қатъкунак, вақт ба вақт паҳноӣ, чуқурӣ, суръати ҳаракати селоби лойоба, таносуби фазаи сахту маҳлул чен карда мешаванд. Дар як вақт нишондоди манометрро, ки дар элаки гидромеханикӣ ва қатъкунаки шуъбаи такмилдиҳӣ васл шудааст, гирифта мешавад. Дар ҳолати зарурӣ ба танзим даровардани додани об ва регҳо ба элаки гидромеханикӣ ва консентрат ба қатъкунак мумкин аст.

## 19. КОРКАРДИ НАМУНАҲО

58. Барои коркарди намуна мавҷудияти асбобу анҷоми зерин лозим аст:

- бутара барои шустани намунаҳо;
- нова барои шустан;
- андозаи геологии ченкунӣ бо ҳаҷми 0,02 $м^3$ (ендовка);
- бел, рӯдаҳои резинӣ, чангакҳои гуногун;
- элаккунии компоненти шлихӣ;
- маҷмӯи элаккунии компоненти фоиданок бо сурохаки андозаҳои 10мм, 5мм, 3мм, 1мм, 0,5мм, 0,25мм, 0,125мм, 0,065мм.

## 20. ШУСТАНИ НАМУНАҲОИ ГЕОЛОГӢ

59. Намунаҳои аз регҳои лӯласангу шағал ва эфелҳо гирифташуда, бо тариқи дастӣ дар бутара коркард карда мешаванд. Фраксияҳои калонро (аз 10 мм калонтар) ҷудо карда, баъд аз шустан ва азназаргузаронӣ ба партовгоҳ партофта мешаванд. Қисмати дигари фраксияҳои бо сарфи 5-6 литр/сония об, дар трафарети тагшонии хурди сахт ҷиҳозонидашуда ва рӯдаи резинӣ ба бойгардонӣ дар таҷҳизоти бутарӣ фарогир мешаванд. Барои пешгирии талафёбии қисми хурди консентрат, консентрати бутариро дар тағорачаи дастӣ то расидан ба дараҷаи таҳшинҳои хокистаррангу сиёҳ пурра шуста мешавад. Таҳшинҳои дар мавриди шусташавӣ гирифташударо хушк карда, дар ғилофак гирифта, тамға зада мешаванд. Баъдан таҳшинҳо дар шӯъбаи консентрати таҳшинӣ бо коркарди камералӣ ва дар тарозуи таҳлилӣ барои баркашидан фаро гирифта мешаванд. Миқдори миёнаи он бо усули мақбули умум, баъдан бо назардошти ҳаҷми фраксияҳои намудҳои талафёбӣ, миқдори талафёбии компоненти фоиданок муайян карда мешавад.

ВАЗОРАТИ АДЛИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ ДАВЛАТИИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/В № 1024
"3" 06 с.20 20

60. Аз натиҷаи гузаронидани намунабардории кулл, комиссия санад тартиб медиҳад, ки дар он натиҷаи ҳамаи намудҳои намунабардорӣ, ҳисоби муайянкунии таркиби миёнаи компонентҳои фоиданок дар регҳои аввалия, талафёбиҳои технологӣ, миқдори компонентҳои фоиданок дар дастгоҳи заршӯӣ, ҳамчунин маълумотҳои ченкунии фишори обдиҳӣ ва параметрҳои лойоба замима карда мешаванд.

61. Санад аз ҷониби ҳамаи аъзоёни комиссия имзо карда шуда, дар ҳолати гузаронидани намунабардории кулл аз ҷониби худи корхона аз тарафи роҳбари корхона ва ё сармуҳандиси корхонаи истихроҷкунанда тасдиқ карда мешавад, дар ҳолати гузаронидани намунабардории кулл бо иштироки комиссия бо роҳбарият ё сармуҳандиси корхона мувофиқа карда мешавад.

## 21. ҶАВОБГАРӢ БАРОИ ВАЙРОНКУНИИ ДАСТУРАМАЛИ МАЗКУР

62. Шахсоне, ки дар вайронкунии Дастурамали мазкур гунаҳгоранд, мувофиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

ВАЗОРАТИ А... ...И
ҶУМҲУРИИ ТОҶ...ИСТОН
ФЕҲРИСТИ БАҲИСОБГИРИИ ДАВЛАТИИ
САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б № 1024
«3» 06 с.2020